# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Ҳоҷибоева Раънохон Муҳсиновна таҳти унвони “Усули арт-терапия ҳамчун воситаи ташхис ваислоҳнамоии психологии ҳолати стрессии шахс”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳоҷибоева Раънохон Муҳсиновна таҳти унвони “Усули арт-терапия ҳамчун воситаи ташхис ва ислоҳнамоии психологии ҳолати стрессии шахс” аз дидгоҳи талаботи шароити кунунии пешрафти босуръати илму техника, иттилотонии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаву инсон ба насли наврас ва ҷавонони замони муосир муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад. Зеро масъалаи бартараф намудани стресси таълимии донишҷӯён маҳз тавассути арт-терапия яке аз масъалаҳои муҳими даврони муосир маҳсуб меёбад.

Дар иртибот ба сатҳи омӯзиш ва коркарди мавзуъ бояд иброз кард, ки таҳқиқот барои кашфи моҳияти масъалаҳои омӯзиши ҳолатҳои стресс дар психология, тавсифи педагогӣ-психологии ҳолати стресс дар донишҷӯён, «Моҳият ва мазмуни арт-терапия» дар психотерапия, арт-терапия ҳамчун воситаи ислоҳнамоии ҳолатҳои стрессии шахс, таҳқиқи озмоишии таъсири усулҳои арт-терапия ба ислоҳнамоии ҳолатҳои стресси донишҷӯён мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Ҳоҷибоева Р.М., ки усули арт-терапия ҳамчун воситаи ташхис ва ислоҳнамоии психологии ҳолати стрессии шахс мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, бо дарназардошти он ки мавзуи мазкур аз ҷониби олимону муҳаққиони тоҷик ба таври алоҳидаву таҳқиқоти мукаммалу ҳаматарафа то ба имрӯз мавриди омӯзишу таҳқиқи қарор нагирифтааст, месазад, ки коркарди ин мавзуъро аз ҷониби довталаб иқдому ибтикори шоиста дар ин самт дар илми

психологияи миллӣ номид.

Муҳақиқ асосҳои ҳолати стрессии донишҷӯёнро ҳамчун объекти таҳкиқот мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, дар ин ҷода ба як идда навгониҳо муваффақ шудааст, зеро таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулоса ва таввсияҳои методии аз ҷониби муаллиф ироашуда далели ин андешаҳоанд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллифи диссертатсия бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзуи арт-терапия ҳамчуни воситаи islоҳи стресси таълимии донишҷӯён мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуд; қисматҳои асосии мундариҷавии хусусиятҳои психологии ҳолатҳои манфии эмотсионалии шахсият тавассути усулҳои арт-терапия асоснок шуданд; шароити психологие, ки самаранокии ташхис ва ислоҳнамоии ҳолатҳои манфии эмотсионалии шахс (стресс) - ро таъмин мекунад, муайян гардид; арт-терапия ҳамчун воситаи самараноки ислоҳнамоии психологии ҳолати стресси донишҷӯён муайян карда шуд; роҳҳои ташхис ва ислоҳнамоии психологии ҳолатҳои стрессии шахс тавзеҳ гардиданд; барномаи “Усули арт-терапия ҳамчун воситаи ислоҳи ҳолати стрессии шахс” коркард ва татбиқ гардида, самаранокии он озмуда шуда, тасвибу татбиқ ва самранокии онро исбот кардааст.

Ҳамчунин, ошкор кардааст, ки масъалаи стресс дар илми психология мавзуи нав нест, аммо муҳиммияти он аз байн намеравад. Илова бар ин, бо афзоиши мушкилоти ҳаётӣ, зиёд шудани талабот ва миқдори иттилоот, назорат ва ба монанди онҳо, ҳар як инсон бештар ба шароити стресс дучор мешавад, ки ин дар навбати худ ба ҳолати умумии организм, самаранокии таълим, сифат ва натиҷаҳои он таъсир мерасонад, ки ин аз арзиши илмиву амалии таҳқиқоти ӯ шаҳодат медиҳад.

Дарачаи эътимоднокии натичаҳо бо риояи принсипҳои методологии таҳқиқот, асоснокии муқаррароти ибтидоии назариявӣ, таҳлили дастовардҳои муосири илмҳои ичтимой-психологӣ, салоҳиятнокии гурӯҳчин, интихоб ва истифодаи воситаҳои мувофиқ ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот таъмин карда мешавад.

Саҳми шахсии довталаби дарачаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии довталаб аз муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети он, тарҳрезии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва таҳвили иттилооти бадастоварда иборат аст. Муқаррароти назариявию методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро ташкил медиҳанд, маҳз натичаи таҳқиқоти мустақилонаи довталаб буда, дар заминаи таҳқиқи масъалаи усули арт-терапия ҳамчун воситаи ташхис ва ислоҳнамоии психологии ҳолатҳои стрессии шахс ошкор карда шуданд.

Унвончӯй дар мураттабсозии рисолаи илмӣ воқеан ҳам заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассиси донандаи соҳаи худ муаррифӣ карда тавонистааст.

Аз ин рӯ, бо боварии том метавон диссертатсияи Ҳочибоева Раънохон Муҳсиновнаро кори илмии баанчомрасида ва дорои арзиши илмии назариявӣ ва амалӣ ҳисобид.

Автореферат низ ба талабот чавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Дар умум, кори таҳқиқотии Ҳочибоева Раънохон Муҳсиновна дар мавзуи "Усули арт-терапия ҳамчун воситаи ташхис ва ислоҳнамоии психологии ҳолати стрессии шахс" ба талаботи Тартиби додани дарачаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Чумҳурии Точикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, чавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии ДТИОМТОК назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктор PhD аз рӯйи ихтисоси психология** **Латифзода С.З.**

**Имзои С.З. Латифзодаро тасдиқ мекунам.**
**Сардори шуъбаи кадрҳои ДТИОМТОК назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Сафарова М.**